# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.**

Дар раванди кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо тағйироти тезутези иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва технологӣ тавсиф меёбад, масъалаи ташаккули ахлоқи ҷавонон ба яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ табдил ёфтааст. Ҷавонон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа, киояндаи кишварро муайян месозанд, дар раванди таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ ба таъсири омилҳои гуногун – аз ҷумла васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳити оилавӣ ва мактабӣ – рӯ ба рӯ мешаванд.

Бо назардошти таъсири ин омилҳо, падидаи тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ дар байни ҷавонон мушоҳида мегардад, ки метавонад ба раванди ташаккули шахсият ва иҷтимоиши солими онҳо таъсири манфӣ расонад. Дар чунин вазъ, омӯзиши амиқи ахлоқи ҷавонон ва таҳлили мушкилоти марбут ба он на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад.

Ҷомеаи тоҷик низ дар раванди гузариш ба ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дошта, ниёз ба тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавонро бештар эҳсос мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи ахлоқи ҷавонон дар ҷомеаи муосир барои таҳкими заминаҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа, ва инчунин барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати беҳтарсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон хеле зарур ва саривақтӣ мебошад.

Автореферати рисолаи номзадии Аминов Б.У. дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, аз ҷумлаи ин гуна кӯшишҳои шоиста дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ ба шумор меравад. Боиси дастгирист, ки муаллиф мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи мавзуи рисоларо дар чанд нуктаи муҳим нишон медиҳад, ки яке аз онҳо авзои хатарзои ҷомеаи инсонӣ дар бахши ахлоқ аст.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ, дар фарқият аз дигар мутафаккирони

асрҳои миёна дар он аст, ки ӯ талош кардааст, ки бештар дар тарбияи инсони комил таваҷҷуҳ дошта бошад. Абдуллоҳи Шабровӣ дар масъалаи таълимоти ахлоқ роҳи фарқкунандаеро паймудааст, ки маҳсули он дар осораш инъикос гардидааст. Назарияи мукаммали гуманистӣ-ахлоқии худро дар «Унвону-л-баён» ба таври муфассал баён кардааст. Абдуллоҳи Шабровӣ то ҳадде кӯшиш кардааст, ки воситаҳои наҷоти инсониятро аз ғафлату ҷаҳолат бо роҳи тарбия ва бо дарёфтани маърифати комили инсонӣ пайдо намояд.

Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгониҳои таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мувофиқ ба талаботи ҷорӣ пешниҳод кунад. Қисми асосии автореферат паҳлуҳои муҳими масъалаҳои гузошташударо инъикос менамояд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқу ироаи навгонии илмии рисола ва нуктаҳои муҳиме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ ифода ёфтааст. Тарзи навишт ва таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби автореферат саҳми муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар баробари дастовард ва навгониҳо, дар матни автореферат камбудиҳое низ ба чашм мерасанд, ки бояд ба онҳо аҳамият дода шавад:

1. Хатогӣ ва иштибоҳҳои техникӣ дар автореферат дида мешавад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқоти минбаъда муҳим аст;
2. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳаҷман гуногунанд ва мебоист тавозуни онҳо нигоҳ дошта мешуд.

Аммо, дар баробари камбудиҳои ҷойдошта автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуни диссертатсияро пурра фаро гирифта, хулосаҳои муаллиф, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комилро ба вуҷуд меорад. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаҳои асосӣ ба эътимоднокии таҳқиқот меафзояд.

Дар асоси далелҳои мазкур, автореферати диссертатсияи Аминов Б.У. дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи

ихтисоси 09.00.03. -Таърихи фалсафа ҳамчун амали мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. -Таърихи фалсафа мебошад.

**Тақриздиҳанда:** Мудири кафедраи
фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов,
н.и.ф., дотсент Камолова Х.К.

**Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, ,
кӯчаи Беҳзод, бинои 14, ҳуҷраи №64
Тел.: (+992) 918-65-90-61
E-mail: toshovm96@gmail.com

Имзои Камолова Х.К.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов Тошов М.А.

**Суроғаи муассиса:** 734025 шаҳри Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода 155,
Тел.: (+992-37) 227-07-10
E-mail: tjconservator@mail.ru
02 июни соли 2025.